*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич дар мавзуи "Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ", ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ масъалаи такмили фаъолияти маркетингии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аҳаммияти хосса касб намудааст. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ, тавсеаи хизматрасониҳои электронӣ, афзоиши рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва тағйирёбии талаботи мизоҷон зарурати истифодаи механизмҳои муосири маркетинги рақамиро ба миён овардааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рушди маркетинги бонкии рақамӣ, такмили воситаҳои он ва арзёбии самаранокии истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз таҳлили автореферати Файзов Назрулло Зубайдуллоевич бармеояд, ки муаллиф ҷиҳати расидан ба мақсади таҳқиқот чор вазифаи асосиро муайян намуда, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои пурраи онҳоро таъмин кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи равишҳои муосир оид ба такмили механизми маркетинги бонкии рақамӣ, пешниҳод намудани модели арзёбии самаранокии фаъолияти маркетингии бонкҳо дар муҳити рақамӣ ва асоснок намудани самтҳои асосии рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили сиёсати маркетингии ташкилотҳои қарзӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ истифода шаванд.

Муаллиф зимни таҳқиқот аз усулҳои таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст, баҳодиҳии иқтисодӣ ва усулҳои оморӣ истифода намуда, ба ин васила эътимоднокии хулосаҳои илмиро таъмин кардааст. Асоснокии натиҷаҳо бо истифодаи маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи фаъолияти ташкилотҳои молиявии ватанӣ ва хориҷӣ тақвият дода шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди рақамии бонкҳо, барномаҳои маркетингӣ ва механизмҳои ҷалби мизоҷон дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таълими фанҳои марбут ба маркетинг, бонкдорӣ ва иқтисоди рақамӣ истифода шаванд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки маркетинги бонкиро ҳамчун низоми ҳамгиро дарк мекунад, ки ҷанбаҳои стратегӣ ва фаврии идоракунии бонкро фаро гирифта, ба таҳлили амиқи эҳтиёҷоти муштариён, муҳити рақобат ва тамоюлҳои технологӣ асос ёфтааст. (саҳ 14)

Дар автореферати диссертатсия муаллиф қайд намудааст, ки воситаҳои маркетинги бонкӣ ҳамчун маҷмуи усулҳо ва технологияҳое баррасӣ мешаванд, ки бонкҳо барои муайян кардани талаботи муштариён, бунёди арзиш, ба роҳ мондани муоширати муассир ва афзоиши садоқат истифода мебаранд. (саҳ 16)

Муаллиф хело хуб таъкид кардааст, ки тамаркуз ба муштарӣ равиши стратегӣ буда, дар он бонк ҳама равандҳоро бо назардошти эҳтиёҷот, афзалият ва интизориҳои муштарӣ роҳандозӣ мекунад. (саҳ 18)

Унвонҷӯ дар автореферати диссертатсия қайд намудаст, ки равиши методологии бунёди низоми маркетинги рақамӣ дар бонкҳо асоснок карда шудааст, аз ҷумла принсипҳои фардикунонӣ, бисёрканалӣ, таҳлили рақамии муштариён ва ҳамгироии платформаҳои рақамӣ. (саҳ 19)

Автореферати диссертатсяи мазкур дар сатҳи илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии пешниҳоди мавод, мустакилияти муаллиф дар тавзеҳоти ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилию амалии равнақи рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос карда мешавад. Заминаҳои илмию амалии диссертатсия эътимоднок мебошанд ва дар он усулҳои муосири илмӣ истифода шудаанд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат менамояд. Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар автореферати диссертатсия бадастомада бо матни диссертатсия ҳаммаъно буда, аз вазифаҳои гузошташуда сарчашма мегиранд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти рисолаи илмиро фаро мегиранд.

Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд. Ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

Аз ҳамин нуктаи назар метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқотии диссертасионӣ аҳаммияти муайяни илмию амалӣ дорад. Махсусан, имконияти

истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Бо вуҷуди бартариҳои зикршуда, дар автореферати диссертатсия баъзе масъалаҳо метавонанд бо таҳлили амиқтар пешниҳод гарданд, аз ҷумла:

1. Агар муаллиф таҷрибаи муқоисавии кишварҳои пешсафро дар самти маркетинги бонкии рақамӣ васеътар таҳлил менамуд сифати кор хубтар мешуд;
2. Сифати кор хубтар мешуд агар муаллиф таъсири технологияҳои нав, аз қабили зеҳни сунъӣ ва таҳлили маълумоти калон (Big Data)-ро ба рушди маркетинги бонкӣ муфассалтар арзёбӣ менамуд.

Бояд такид намуд, ки ин нуқсонҳо хусусияти умумиро халалдор накарда, сатҳи илмии корро паст намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич дар мавзуи «Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ» ба талаботи муқарраргардидаи корҳои тахассусӣ ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои таҳқиқот дорои арзиши назариявӣ ва аҳамияти амалии назаррас мебошанд. Бинобар ин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон барои ҳалли масъалаҳои рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд. Бо дарназардошти ин, диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири кафедраи молияи
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Раҳимов П.С.

*Имзои Раҳимов П.С.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

**Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: 8(3222) 2-54-81, 2-22-53; E-mail: bgu-1978@mail.ru